«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________Шарифзода М.М.
«_12_» _______09_______2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон - ба диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Диссертатсияи Мирзоалиев А.А. дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра). 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он. 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ. Сармояи инсонӣ. 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат. 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии

аҳолӣ; ҳаракати кормандон. 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар шароити имрӯза ташаккул ва рушди захираҳои инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рақобати ҳар як ташкилот ба ҳисоб меравад, зеро захираҳои инсонӣ ва идоракунии самараноки он асоси мавҷудият, рушд ва афзоиш, рақобатпазирӣ ва фаъолияти муваффақонаи дарозмуддати ҳар як корхона мебошанд. Ҳамин тариқ, бисёре аз корхонаҳои муосир аҳамияти муносибати оқилона ва босифатро ба ташаккули иқтидори кадрии ташкилот, ки дар барномаҳои таълим ва рушди кормандон инъикос ёфтааст, эътироф мекунанд. Ба мо маълум аст, ки таърифи «иқтидори кадрӣ» якчанд равиш дорад. Ҳамин тариқ, аз як тараф, иқтидори кадрӣ ба захираҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ташкилот дахл дорад ва аз тарафи дигар, иқтидори кадрӣ маҷмуи қобилиятҳои ҳамаи кормандон барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва талаботҳои муайянест, ки симои корхонаро таҷассум мекунанд. Дар тадқиқоти муосир аксар вақт дар баробари захираҳои инсонӣ мафҳумҳои ба ҳам алоқамандро пайдо кардан мумкин аст: захираҳои инсонӣ, кадрҳо, нерӯйи инсонӣ, захираҳои башарӣ, сармояи инсонӣ, ки баъзе муаллифон иштибоҳан онҳоро синоним мешуморанд.

Дар таҳқиқоти мазкур муаллиф ба он андеша аст, ки рақамикунонии босуръати соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз сатҳу сифати омодагии мутахассисони касбӣ вобастагии зиёд дорад. Маҳз ҷалбу истифодаи ҳадафмандонаи сармояи инсонӣ дар такомули рақабатпазирии кадрҳои замонавӣ нақши муассирро ишғол менамояд.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст қайд менамояд, ки “иқтисодиёти рақамӣ падидаи нави илми иқтисодӣ буда, бо рушди технологияҳои рақамӣ: фазои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, корхонаҳои маҷозӣ, суръатбахшии хизматрасониҳои

алоқа, таҳияи моделҳои нави коммуникатсионӣ, ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ, бахусус, инкишофи иқтидори кадрӣ алоқаманд мебошад” (С.6).

Барои дар амал татбиқ намудани ин падида истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда иқтидорҳои кадрие заруранд, ки барои кор кардан бо технологияи нав, идоракунии моделҳои нави ташкили меҳнат, дар шароити зудтағйирёбанда ва мураккаб ҳамеша омода бошанд. Ин мушкилот таҳияи методологияи идоракунии иқтидори кадриро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ бо назардошти ниёзҳои рушди дохилии тамоми механизмҳои иҷтимоию иқтисодии идоракунии меҳнат актуалӣ мегардонанд. Муҳиммияти мавзӯи баррасишаванда ба таҳқиқи васеи мушкилоти болозикр алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

## 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ таҳқиқ гардида, тавсияҳои илман исботшуда ҷиҳати такмили ин раванд асоснок шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти диссертсионӣ таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии меҳнат, яъне асосноккунии асосҳои консептуалии идоракунии сармояи инсонии корхонаҳо дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ, таҳия дар заминаи тавсияҳои амалӣ ва ташкилӣ оид ба арзёбӣ, ташаккул ва рушди рақамии иқтидори кадрии корхонаҳо мебошад.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва методологӣ оид ба механизми ташкилию иқтисодии рушди иқтидори кадрӣ дар савдои чакана, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили он дар шароити муосир зоҳир мегардад, ки, воқеан, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод гардидааст:

- низомбандии равияҳои гуногуни консептуалии сармояи инсонӣ ва дар асоси он ворид намудани саҳеҳӣ ба мафҳумҳои иқтидори кадрӣ, сармояи инсонӣ ва иқтисоди рақамӣ пешниҳод карда шудааст. Дар асоси таҳқиқот, муаллиф нақш ва аҳамияти технологияҳои рақамӣ, фазои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, корхонаҳои маҷозӣ, суръатбахшии хизматрсониҳои алоқа, таҳияи моделҳои нави телекоммуникатсионӣ, ҳамкории субъектҳои иқтисодиро дар ташаккули иқтидори кадрӣ асоснок кардааст.

- муайян намудани хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ, ки бо ҷараёнҳои ташкилӣ, идоракунӣ, назоратӣ, таҳлилию баҳодиҳӣ алоқаманд мебошанд. Ба онҳо ворид гардидааст: афзоиши низоми фардии талабот тариқи каналҳои электронӣ, ташкили платформаҳои рақамии савдо, навсозии пойгоҳҳои техникии савдои чакана, тағйирёбии низоми пешниҳоди хизматрасонии савдо ба аҳолӣ ва дигар иштирокчиёни раванд, ташкили базаҳои логистикии хизматрасониҳои савдо тариқи шабакаҳои яклухт ва чаканаи маҳсулот.

- марҳилабандии давраҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва дар асоси он арзёбӣ гардонидани модели институтсионалии рушди рақамии иқтидори кадрӣ ва равишҳои методологии он. Ҳамзамон, асоснок гардонидани самтҳои баланд бардоштани дониш, маҳорат ва малака, салоҳиятнокӣ, иқтидори инсонӣ, навоварӣ, сармоя ва таҳсилот дар идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана. Зарурати гузариши стратегияи идоракунии SPOD ба стратегияи VUCA мудаллал гардидааст.

- муайян намудани принсипҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана мутобиқ ба шароити иқтисодиёти рақамӣ, ки дар коркарди модели стратегии идоракунии рушди рақамии иқтидори кадрӣ бо назардошти равияҳои асосии методологии идоракунии сармояи инсонӣ пешниҳод карда шудааст.

- асоснокӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, омилҳое, ки ба ташаккули иқтидори кадрӣ таъсир мерасонанд, алалхусус: техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ ва малакаи касбӣ. Ҳамзамон тамоюлот дар

ташаккули иқтидори кадрии савдои чакана дар зери таъсири омилҳои гуногун муайян гардидааст, аз ҷумла дар зери таъсири рафтори истеъмолкунандагон, қобилияти идоракунии ҷараёнҳои иттилоотӣ, такмили маҳсулот, навовариҳои муштарак, шаклҳои нави ҳамкории байни иштирокчиёни равандҳои савдо, шаклҳои нави ташкилӣ ва ғайра.

- таҳқиқ ва хулосабандии таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла моделҳои амрикоӣ, аврупоӣ, русӣ, ҷопонӣ, ки бо хусусиятҳои навоварӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ, худидоракунӣ, тақсимоти ваколатҳо ва вазифаҳо, касбияти кормандон, суръати рушди касбият, тобеият, ки дар рушду касбият ва ташаккули салоҳиятҳои касбии иқтидори кардии савдои чакана аҳаммият дорад, арзёбӣ намудани ҷанбаҳо қобилу қабули онҳо. Дар асоси он таҳия намудани модел, ки таъсири ҷузъҳои ҷудогонаи иқтидори кадрӣ, аз қабили фарҳанги рақамии ташкилӣ, таҷрибаҳои идоракунии иқтидори кадрӣ, донишҳои ҷамъшуда дар соҳаи технологияҳои рақамӣ ба инобат мегирад.

- таҳия ва татбиқ намудани амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ, ки баҳри арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодӣ равона гардидааст. Дар асоси он таҳлилҳои дисперсионалӣ, нишондиҳандаҳои қиммати регрессия, омилҳои мутаассир дуруст ва дар асоси таҳлили коршиносӣ анҷом дода шудааст. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии алоқаманд ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана барои давраи дарозмуддат пешгӯӣ карда шудааст.

- асоснок намудани механизми идоракунии дохилии иқтисодӣ, алалхусус идоракунии кадрҳо, захираҳои моддию техникӣ ва молиявӣ, технология, идоракунии дониш ва унсурҳои танзими бозор. Дар савдо пешниҳод намудани механизми татбиқи раванди идоракунии маҷмуии рушди рақамии иқтидори кадрӣ бо равиши интегратсионии идоракунӣ мебошад.

- исбот кардани самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар асоси такмилдиҳии механизми идоракунии он дар шароити рақамикунонӣ ва дар асоси он иҷроиши корҳои зерин таҳия гардидааст: интихоби лоиҳаҳои ояндадор дар соҳаи ҳифз ва рушди он, мониторинги вазъи кунунии иқтидори

кадрӣ, ташаккули бонки иттилоотӣ оид ба лоиҳаҳои рушди иқтидори кадрӣ дар савдо, пешбурди ғояҳои сарпарастӣ ва хайрхоҳӣ дар соҳаи рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёт, такмили ихтисос, бозомӯзӣ, аттестатсия ва ғайра.

- коркард ва таҳия намудани модели стратегии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана бо дарназардошти матритсаи идоракунии рушди сармояи инсонӣ, ки натиҷаи раванди мураккаби ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушаххас, тадбирҳо ва амалҳои танзими давлатӣ дар асоси ақидаҳо ва мафҳумҳои дар марҳилаи таҳлили мушкилот бадастомада аст.

-

## 4. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи иқтидори кадрӣ дар савдои чакана, омӯзиши равишҳои эҷоди шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин таҳлили таъсири он ба самаранокии хизматрасонӣ дар соҳаи савдо ва бахшҳои он мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди иқтидори кадрӣ дар савдои чакана равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина, рушди иқтидори кадрӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаи савдо ва инфрасохтори онҳо истифода шаванд. Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдои чакана истифода мешаванд. Муносибатҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтидори кадрӣ, ки дар диссертатсия таҳия

шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва заминаи таҳияи принсипҳои идоракунии мақсадноки кормандон хизмат кунанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян кардани самтҳои афзалиятнок, шаклу усулҳои ташаккул, истифода ва рушди иқтидори кадрӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи ҳама намуди захираҳои меҳнатӣ дар раванди савдо ба қишрҳои гуногуни аҳолӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, анкетагузаронӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин усули коррелятсионӣ-регрессионӣ ва SWOT-таҳлил васеъ истифода шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

## 6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, панҷ боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 400 саҳифа оварда шудааст, 38 ҷадвал ва 65 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 303 номгӯй иборат аст.

Дар мукаддима мубрам будани мавзӯи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардида, маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (С. 5-22).

Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои илмию назариявии идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ” таҳқиқи ғояҳои илмию иқтисодӣ оид ба назарияи сармояи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ, равишҳои консептуалии рушди сармояи инсонӣ ва таҳқиқи унсурҳои асосии он, инчунин, хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ муфассал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст (С.23-98).

Натиҷаҳои бадастомада дар ин боби диссертатсия нишон медиҳанд, ки муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми сармояи инсонӣ, иқтидори кадриро аз асарҳои классикони илми иқтисод, донишмандони хориҷиву ватанӣ васеъ истифода намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои "сармояи инсонӣ" ва “иқтидои кадрӣ” бо гуногунии таърифҳо то ҳол пурра ба талаботи системавӣ ҷавобгӯ намебошад, зеро таҳқиқгарон ҷанбаҳои иқтидори кадриро дар пайвастагӣ бо соҳаи муайяни иқтисодӣ тавсиф менамоянд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки истилоҳи «иқтидор»-ро метавон ҳамчун воситаҳо, захираҳо ва манбаъҳои мавҷуда баррасӣ кард, зеро онро сафарбар кардан, ба кор андохтан, барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайян, татбиқи нақша истифода бурдан мумкин аст; ҳалли масъала ва ғайра аз нуқтаи назари имкониятҳои номаълум, ошкорнашуда, шаклнашуда ва амалинашуда муайян мекунанд, ки танҳо дар натиҷаи фаъолияти муайяни хоҷагӣ имкониятҳои вокеӣ шуда метавонанд (С.39).

Дар диссертатсия моҳият ва нишондиҳандаҳои муҳимми иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили таъмини рақобаттавонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки нуқтаи меҳварии таҳқиқотро ифода мекунад. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки моҳияти иқтисодии иқтидори кадрӣ дар он аст, ки он дар натиҷаи истифодаи захираҳои иқтисодӣ ташаккул ёфта, ҳамчун захираи иқтисодӣ баромад карда, барои расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ хизмат мекунад.

Ба андешаи муаллиф равандҳои рақамисозӣ ва зеҳнии сунъӣ, ки дар иқтисодиёт ба амал меоянд, раванди ҷамъшавии иқтидори кадриро, ки дар он донишҳои рақамӣ ва таҳсилоти рақамӣ нақши махсус доранд, ба таври назаррас тағйир доданд. Ин изҳоротро далеле тасдиқ мекунад, ки падидаи нав бо номи «иқтисоди рақамӣ» ба вуҷуд омада, дар он дониш, таҷриба ва ноу-хау дороиҳои муҳим мебошанд. Ба ин муносибат системаи нишондиҳандаҳое зарур аст, ки дараҷаи тараққиёти соҳаи савдоро, ки ба дониш талаботи зиёд доранд, инъикос намояд (С.65).

Муаллифи диссертатсия бар он ақида аст, ки рушди иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад ва дар ин замина, рушди иқтисоди кадрии савдои чакана, бешубҳа, паҳлуҳои норавшани худро дорад. Бинобар ин, дар ҷаҳони муосир нақши иқтисоди рақамӣ ба маврид ва бо суръати кайҳонӣ афзуда, захираҳои инсонӣ аз пайи омӯхтану татбиқи он пайваста заҳмат мекашад. Дар соҳаи савдои чакана ин раванд хеле босуръат мушоҳида мегардад, зеро тамоми амалиётҳо бо низоми иттилоотӣ, бахусус, рақамикунонӣ иртиботи қавӣ доранд. Дар ин маврид нақши инсон ба куллӣ тағйир карда, аз “одами иқтисодӣ” ба “инсони рақамӣ” мубаддал мегардад (С.72).

Таҳлили васеи корҳои илмии ба масоили мазкур бахшидашуда нишон медиҳанд, ки хизматрасониҳои электронӣ омили асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Иқтисодиёти рақамӣ равиши ниҳоят нави илмӣ буда, доир ба фаҳмиши он нуктаҳои назари гуногуни илмӣ ҷой доранд. Мусаллам аст, ки ақидаҳои олимону коршиносонро баррасӣ намуда, муаллиф нуқтаи назари

хешро тахия намудааст: «Иқтисодиёти рақамӣ – шакли нави иқтисодиёт буда, дар он дастрасӣ ба дилхоҳ намуди маҳсулоту мол ва хизматрасониҳо танҳо ва танҳо тариқи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ва фановариҳои нав амалӣ карда мешавад» (С.76).

Дар боби дуввум "Ҷанбаҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ" равишҳои методологии идоракунии иқтидори кардрии савдои чакана, усулҳои арзёбии сифати иқтидори кадрии савдои чакана, принсипҳои методологии идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (С.99-176).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳаммияти амалӣ мебошанд, зеро дар доираи он вазъи муосир, тамоюл ва хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе дар робита бо тағйирёбии дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии шаҳр дар солҳои 2000-2020 мавриди таҳлил қарор гирифтааст (С. 58-84).

Хусусияти методологияи пешниҳодкардаи муаллиф дар он аст, ки фаъолияти захираҳои инсонӣ бевосита аз маҳорат, такмилдиҳӣ, инсони техникӣ, донишу муҳити рақамӣ, меҳнати ҷисмонӣ, меҳнати зеҳниву ақлонӣ сарчашма гирифта, бо такя ба таҳаввулоти иқтисоди муосир ва дар ин замина, ташаккули консепсияи идоракунии иқтидори кадрӣ бо назардошти салоҳиятҳову рушди рақамии сармояи инсонӣ ба роҳ монда мешавад (расми 14)(С.109).

Диссертант чунин мепиндорад, ки дар доираи мавзуи таҳқиқот таҳияи консепсияи идоракунии иқтидори кадрӣ вобаста ба марҳилаҳои рушди савдо ҷолиб аст, зеро рушди технология, технология ва инсон бо қобилияташ ду тарафи рушди савдо ва, умуман, иқтисодиёт зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, метавон ба таври оқилона тахмин кард, ки рушди савдои чакана ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва тағйирёбии сифатӣ дар сатҳ ва мазмуни донишу малакаи коргарон, ҳамчун интиқолдиҳандагони иқтидори кадрӣ бо ҳам зич алоқаманд аст(С.116)

Ба андешаи муаллиф, дар доираи методологияи идоракунии сармояи инсонии кормандони корхонаҳо дар иқтисодиёти рақамӣ шакли асосии сармоягузорӣ ба он таҳсилоти рақамӣ мебошад, ки барои ҳамаи гурӯҳҳо ва категорияҳои кормандон зарур аст, зеро он дониши рақамӣ дар соҳаи иқтисодиёт мебошад. Идоракунии иттилооти рақамӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркард дар иқтисодиёти рақамӣ, ки манбаи асосии истеҳсолӣ мебошад. Дар робита ба ин, мо як намуди махсуси таълимро ҷудо мекунем, ки “рақамӣ” ном дорад. Равандҳои рақамисозӣ ва зеҳни сунъӣ, ки дар иқтисодиёт ба амал меоянд, раванди ҷамъоварӣ ва рушди сармояи инсониро ба таври назаррас тағйир доданд(С.127).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки  дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 0,32% аҳолии шуғл мутахассисони ТИК мебошанд. Тибқи пажӯҳишҳои PwC, нарасидани мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи технологияҳои рақамӣ дар ҳоли ҳозир мушкилии ҷиддие дар татбиқи лоиҳаҳои табдили рақамии ширкатҳо меорад. Паҳншавии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ширкатҳо талаботро ба мутахассисони рақамӣ ба вуҷуд меорад. То соли 2022 нарасидани нафароне, ки метавонанд ин технологияҳоро дуруст истифода баранд, бахусус, менеҷерони лоиҳаҳои рақамӣ баръало мушоҳида мегардад (с.143).

Ҳамзамон, таҳлили гузаронидаи муҳаққиқ нишон медиҳад, ки  аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар соли 20121 дар се бахши асосӣ чунин аст: давлатӣ-20,1%; хусусӣ-70,1% ва коллективӣ – 8,9%-ро ташкил медиҳад ва дар дигар бахшҳо ҳамагӣ 0,9% мебошад. Муаммои асосӣ дар он аст, ки иқтидори кадрӣ бештар ба бахши хусусӣ таваҷҷуҳ дорад, зеро дар он ҷо имконияти рушди касбият ва салоҳиятҳо имконпазир аст (С.150).

Муаллиф  дар бораи таснифоти сифатҳои зарурӣ сухан ронда, ба он андеша аст, ки тақсимоти анъанавӣ ба малакаҳои сахт 1 ва малакаҳои нарм 2, аз ҷумла малакаҳои маърифатӣ, ки ба мо имкон медиҳанд, ки дар раванди кор самаранок иштирок кунем ва аз як соҳаи мушаххас вобаста нест, кифоя нест. Акнун ба онҳо гурӯҳи алоҳидаи сифатҳо илова карда мешавад - маҳорати

рақамӣ 3. Дар айни замон қобилияти омӯхтан дар давоми тамоми умр ба метасифат табдил меёбад, ки бе он ҳама чизи дигар барои оянда кор намекунад (С.159).

Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки муносибати методологии идоракунии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти рақамӣ бояд ба талаботи воқеии субъектҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҷавобгӯ бошад, инчунин тамоюлҳои иқтисодӣ, геополитикӣ, технологӣ ва бозори меҳнатро ба назар гирад. Танҳо дар ин сурат метавон принсипҳои муайянеро таҳрезӣ ё истифода намуд, ки он дар ташаккул ва рушди иқтидори кадрӣ метавонад нақши назаррасе дошта бошад (С.160)

Ҳамзамон диссертант ибрози муҳим намудааст, ки ҳамчун мафҳуми илмӣ методологияи идоракунии сармояи инсонӣ бояд ба назарияҳои илмие асос ёбад, ки объекти иқтидори кадрӣ ва субъекти идоракунии онро меомӯзанд. Барои муайян кардани принсипҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ муаллиф таҳлили муқоисавии принсипҳои муносибати анъанавӣ ба идоракунӣ ва идоракунии иқтидори кадриро дар рушди иқтисоди рақамӣ дар расми 31 нишон додааст, ки дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад(С.163).

Дар боби сеюм “Тамоюли рушди иқтидори кадрии кормандони савдои чакана” ба таври зарурӣ таҳлили тамоюли рушди иқтидори кадрӣ, таҳлили омилҳо ва унсурҳои рушди самараноки иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ва ҳамчунин таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори кадрии корхона гузаронида шудааст (С.177-231).

Тавре маълум аст, раванди идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ аз нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқ маълум карда шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла афзоиши аҳолӣ босуръат зиёд гардида, нисбати соли 2005 фарқият 3044,6 ҳаз.нафар ва тағийрот 1,44 маротибаро ташкил медиҳад. Дар навбати худ захираҳои меҳнатӣ 1760,0 ҳазор нафар ва қувваи корӣ истифоданашуда дар иктисодиёт 1327,0 ҳазор нафар зиёд ба қайд гирифта шудааст. Ин тамоюлҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бо истифодаи мақсадноки онҳо таъмини рушди

иқтидори кадрӣ имконпазир мегардад. Аммо ба андешаи муаллиф то ҳанӯз, истифодаи мақсадноки онро мушоҳида намудан шубҳаовар аст (С.188).

Диссертант зикр намудааст, ки рақамикунонии савдои чакана бо ҷалби кормандони соҳавӣ муҳим аст, зеро салоҳият ва рушди «тафаккури рақамӣ» аз истифодабарии иқтидори кадрӣ сарчашма мегирад ва дар ин замина самаранокии фаъолияти савдои чакана таъмин мегардад. Таҳлили тамоюли рушди иктидори кадрӣ нишон дод, ки дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ омилҳо ва унсурҳои муҳимро бояд ба инобат гирифт(С.195).

Ба андешаи муаллиф аҳаммияти сармояи инсонӣ ҳам дар рушди ҷомеа ва ҳам дар рушди иқтисодиёти давлат бениҳоят баланд буда, масъалаи рушди иқтидори кадриро ҳамчун омили истеҳсолӣ ва ҷузъҳои он, аз ҷумла бехатарӣ, самаранокии захираҳо ва муҳити корӣ, инчунин сифати баланди ҳаётро арзёбӣ мекунад. Таҳлили ин далел ба хулосае меоварад, ки барои таъмини кишвари рақобатпазир ва амнияти он сармоягузории калон ва устувор зарур аст. Гузашта аз ин, иқтисодиёти муосир собит кардааст, ки фоидаи сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ нисбат ба сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ хеле баланд аст(С.212).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки барои савдои чакана омили асосии рушд накардани иқтидори кадрӣ ҷой доштани талаботи зиёд, хусусан мувофиқ ба шароити бошиддиат афзоиш ёфтани равандҳои рақамикунонӣ дар бозори дохилӣ мебошад. Дар доираи тадқиқоти мо ошкор карда шудааст, ки тақрибан наздики 65% - и инфрасохтори савдо зарурат ба навсозӣ ва мувофиқ намудани ҳолат ба талаботи рақамикунониро доро мебошанд. Дар ҳақиқат, тақвияти раванди зикргардида маблағгузории дақиқ, сармояи зеҳнӣ, технологияи васеъмиқёсаи донишбунёд, омоданамоии мутахассисони соҳавӣ, бозомӯзии кадрҳо ва такмили ихтисоси ҳайатҳои роҳбарикунандаро талаб менамояд. Аммо кормандон то ҳанӯз ба шаклҳои муосири идоракунӣ, коркард ва ҷобаҷогузории иттилоот ва рақамикунонии амалиёт шинос нестанд(С.219).

Дар раванди таҳқиқи таҷрибаи хориҷии масоили иқтидори кадрӣ муаллиф таҳлили моделҳои идоракунии кадриро баррасӣ ва муҳокима намуда, усулҳои

идоракуниеро муайян кардааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намоянд (ҷадвали 3.13) (С.228).

Ба андешаи муаллиф тамоюли рушди иқтидори кадрӣ, омилҳову унсурҳои ба он таъсиррасон ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ имконияти боз ҳам тақвият додану рушди иқтидори кадриро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ замина мегузорад(С.230).

Дар боби чорум ба "Такмили усулҳои арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити муосир" рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори кадрии савдои чакана, моделсозии арзёбии иқтидори кадрӣ ва сатҳи рақамикунонии корхонаҳо тавассути усули моделсозии сохторҳои тидоракунӣ ва таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии арзёбии салоҳиятҳои командони савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст(С.232-262).

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки иқтидори кадрӣ омили асосии рақобатпазири иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар корхонаҳои муосир иқтидори кадрӣ афзалияти асосии рақобатӣ ва ҷузъи муҳимми стратегияи савдо ҳисобида мешавад, аммо дар ширкатҳои савдо то ба ҳол стратегияи рушди рақамии иқтидори кадрӣ ба таври зарурӣ вуҷуд надорад(С.236).

Диссертант қайд намудааст, ки ҳоло нақши савдои чакана дар рушди иқтисодиёти рақамӣ меафзояд, ки ин аз як тараф, бо афзоиши даромади аҳолӣ, аз тарафи дигар, дигаргуниҳои ҷиддии технологияи хизматрасонии чакана алоқаманд аст. Мақсади ин тадқиқот таҳияи методологияи ченкунии омилҳои ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана таъсиркунанда мебошад. Натиҷаҳои дар рафти тадқиқот бадастомада метавонанд аз ҷониби кормандон ҳамчун манбаи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд. Маҳдудияти ин тадқиқот ҳудуди тадқиқоти экспертӣ мебошад, бинобар ин, натиҷаҳои бадастомадаро танҳо ба субъектҳои савдои чакана татбиқ кардан мумкин аст (С.241).

Ба андешаи муаллиф, аксари муҳаққиқон омилҳои ба рушди савдои чакана таъсиркунандаро ба шаш гуруҳ ҷудо мекунанд: инфрасохторӣ,

иқтисодӣ, демографӣ, илмию техникӣ, сиёсӣ ва экологӣ. Аммо, на ҳама гурӯҳҳои омилҳоро миқдор муайян кардан мумкин аст, зеро омори расмӣ оид ба арзишҳои зиёд вуҷуд надорад. Мо бо назардошти маҳдудиятҳои мавҷудаи оморӣ рӯйхати ниҳоии омилҳоеро тартиб додем, ки ба рушди савдои чакана таъсир расонида метавонанд: шумораи аҳолӣ, тағийрёбии сохтори синну сол ва ҷинс, муҳоҷирати аҳолӣ, таносуби аҳолии қобили меҳнат, сатҳи даромади аҳолӣ, сатҳи таваррум, сатҳи андозҳо, мавҷудияти қарзҳои истеъмолӣ, сатҳи маърифати аҳолӣ, сифати маҳсулот, такмили ихтисоси кормандони савдои чакана, сатҳи рақобат (С.245).

Салоҳиятнокии фаъолияти кормандани савдои чакана дар ташаккули фарҳанги рақамӣ ва сатҳи хизматрасонии суръатбахш зоҳир мегардад. Кадрҳои соҳибкасб қодиранд, то судмандии фаъолияти савдои чаканаро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ таъмин намоянд.

Ба андешаи мо, дар шароити имрӯза маҳаки асосии истифоди низоми захираҳои инсонӣ сарчашмаи рушди корхонаҳо мебошад. Арзишмандии фаъолияти инсон дар мақоми корхона ва рақобатпазирии он эҳсос мегардад. Рушди сармояи инсонӣ падидаи динамикӣ мебошад, зеро сол аз сол имконияти иқтидори инсонӣ дигаргун мешавад (С.253).

Пас аз баррасии усулҳои арзёбии иқтидори кадрӣ ва такмил додани он дар шароити кунунӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки зарурияти рақамикунонӣ ва ҳолати рушди иқтидори кадрӣ то ҳол қаноатмандкунанда набуда, танҳо тавассути роҳу усулҳои моделсозӣ арзёбии иқтидори кадриро метавон натиҷагирӣ намуд. Албатта, дилхоҳ фаъолият ба сӯи натиҷабахшӣ равона гардидааст ва онро бо амсилаи иқтисодӣ-риёзӣ баҳри баҳодиҳии салоҳиятҳои кормандон, ба хусус дар савдои чакана дар шароити иқтисоди маҷозӣ ба даст овардан имконпазир аст(С.261).

Дар боби панҷум “Самтҳои афзалиятноки идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонии иҷтисодиёт”, самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ, такмили механизми раванди идоракунии иқтидори кадрии савдо ва модели

стратегии идоракунии иқтидори кадрии савдо дар шароити иқтисоди рақамӣ нишон дода шудааст(С.263-329).

Ба андешаи муаллиф, раванди татбиқи стратегияи рушди инноватсионии иқтидори кадрӣ ташкили идоракунии рушди инноватсионии сармояи инсониро тавассути таъмини ҳамоҳангии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнат, ки бо афзоиши иқтидори кадрӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи он; мониторинги таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ ба рушди иқтидори кадрӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он; арзёбии тағйироти сифатӣ ва миқдори он ва имконпазирии татбиқи минбаъдаи стратегия дидан мумкин аст(С.285).

Дар диссертатсия муҳаққиқ чунин мепиндорад, ки мақсади асосии системаи идоракунии рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдо фароҳам овардани шароит барои беҳтар намудани хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сатҳи истифодаи самараноки он тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди комплекси савдо, инчунин баланд бардоштани дараҷа ва сифати зиндагонии аҳолӣ мебошад (С.289).

Ба андешаи муаллиф, механизми ташкилию иқтисодии татбиқи системаи инноватсионии рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдо бояд ба маҷмуи тадбирҳои танзими давлатии унсурҳои идоракунии дохилии иқтисодӣ (идоракунии кадрҳо, захираҳои моддию техникӣ ва молиявӣ, технология), идоракунии дониш) ва унсурҳои танзими бозор (талабот ва пешниҳод ба маҳсулоти инноватсионӣ, рақобат ва ғ.) асос ёбад (С.300).

Зикр намудан ба маврид аст, ки яке аз шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи рушди иқтидори кадрӣ иштироки муштараки давлат ва намояндагони соҳибкории савдо дар таҳияи стандартҳои давлатии касбӣ, инчунин дар ташкили амалияи таълими дунарӣ (расми 60) дар базаи корхонаҳо ва муассисаҳои таълимии касбӣ(С.303).

Муаллиф вазифаҳои асосии муайян намудани воситаҳо ва технологияҳои афзалиятноки татбиқи идоракунии рақамикунонии кадрҳоро чунин муайян кардааст, хеле хеле ҷолиби диққат мебошанд: ташаккули равишҳои методологӣ ба таҳияи системаи нишондиҳандаҳо барои арзёбии блокҳои функсионалӣ,

таҳияи алгоритми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои индекси баҳодиҳӣ, апробатсия ва санҷиши усули ҳисобкунии пешниҳодшуда дар асоси маълумоти ҷамъшуда, арзёбии пешгирикунандаи сатҳи рақамикунонии идоракунии кадрҳо дар савдои чакана(С.318)

Дар диссертатсия стратегияи идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули рақамикунонии иқтисодиётро дар расми 64 таҳия намудааст, ки дар он самтҳои асосии стратегии рушди кадрии савдои чакана нишон дода шудааст(С.325).

Ҳангоми баррасии масоили таҳқиқшуда муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар дилхоҳ соҳаи иқтисод идоракунии рушди иқтидори кадриро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ низом, принсип, роҳу усули ба худ хосро касб менамояд. Зеро ҳар як соҳо хусусияти ба худ хосро соҳиб аст. Мушкилот ва муаммои асосӣ дар сари кист, албатта ба нерӯйи инсонӣ. Дар соҳаи савдои чакана мақом ва саҳми кадрҳои касбӣ хеле назаррас аст, чунки бе истифодаи иқтидори кадрии онҳо ҷараёни савдо номуайяну номурратаб хоҳад буд (расми 65)(С.328).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои асосӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад, ки асоснок мебошанд (С.330-335).

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақриз мазкур чуин нуктаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи мо, сатҳу сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии масъалаҳои илмию назариявию идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана масъалаи тайёр кардани кадрҳои ин соҳаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.

2. Дар расми 3 аз ҷониби муаллифи рисолаи илмӣ моҳияти иқтидори кадрӣ таҳия гардидааст, аммо хусусиятҳои он ба таври пурра инъикос наёфтааст.

3. Муаллиф дар диссертатсия равишҳо оид ба идоракунии иқтидори кадриро хеле хуб нишон додааст, аммо баъзе паҳлӯҳои он баҳсталаб мебошад.

4. Консепсияи пешниҳодшудаи идоракунии иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ба таҳқиқи муаллиф оид ба омӯзиши назария ва амалияи идоракунии меҳнат асос ёфтааст, ки хусусияти фарққунандаи он гузариш аз стратегияи идоракунии SPOD ба стратегияи VUCA-и инсон мебошад. Андешаи муаллиф дар диссертатсия пурра тавзеҳ дода нашудааст.

5. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот таҳлили татбиқи моделҳои асосии идоракунии кадрҳо дар ИМА, Ҷопон, Русия, Қазоқистон ва Тоҷикистонро таҳия намудааст, ки хеле муҳим аст. Аммо татбиқи ин модел бо назардошти объекти таҳқиқот нишон дода нашудааст.

6. Дар диссертатсия ба андешаи муаллиф эътимоднокии хулосаи бадастомада аз рӯйи амсилаи бисёромила ва мувофиқи коэффитсиенти детерминатсия 0,99 ё 99 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда пурра асоснок карда нашудааст.

7. Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ муайян гардидааст, аммо хусусиятҳои он пурра шарҳ дода нашудааст.

8. Дар диссертатсия нисбати мукаммал намудани қонунгузориҳо аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷкистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ тавсияҳо ё пешниҳодҳои мушаххас дида намешаванд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиев А.А.-ро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти ба итмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад.

Аз рӯи маводи диссертатсия 72 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 монография ва 41 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 72 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 41 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда ва 4 монография чоп карда шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд.

Дар интишороти муаллиф, аз он ҷумла дар 41 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 монография мазмун ва мундариҷаи диссертатсия инъикос гардидаанд.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи

ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқarraргардидаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа, назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 2, аз 11 сентябри соли 2023).

**Ташхисгар:**
**доктори илми иқтисодӣ,**
**профессори ДДҲБСТ** **Ризоқулов Т.Р.**

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти**
**корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ,**
**н.и.и., дотсент** **Қаюмов Ф.Г.**

**Котиб, н.и.и, дотсент** **Ҷӯраев Ф. М.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, ДДҲБСТ, 17 мкр-н, б. 1, www.tsulbp.tj +992(3422)23811, E-mail: tsulbp@rambler.ru

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.